# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-иназди Донишгоҳи милли Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Парвандаи аттестатсионии №____**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12 ноябри соли 2024, таҳти №69**

Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи: «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 11 июни соли 2024, суратмаҷлиси №6 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Собирзода Аловуддин Ҷабор 15 сентябри соли 1976 дар оилаи хизматчии давлатӣ дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 1998 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ва соли 2017 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос сарбаландона хатм кардааст. Аз соли 2000 то соли 2014 дар Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташакилли ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз соли 2014 то инҷониб дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудааст. Айни ҳол вазифаи муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қисми низомиро ишғол намуда, соҳиби рутбаи полковники милитсия мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

– **Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Бобокалон Ғоиб Мерган** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова Мижгона Мубораксшоевна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқӣ факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии, (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдулхонов Ф.М. ва котиби ҷаласа, мутахассис-коргузори кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С. имзо ва аз ҷониби, Ректори Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 11 октябри соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз руйи мавзуи диссертатсия:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Собирзода, А.Ҷ. Асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҷ.

Собирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 3(43). – С. 163-168. ISSN 2412-141X.

2. Собирзода, А.Ҷ. Укрепление органов милиции в ГБАО: организация и обеспечение [Матн] / А.Ҷ. Собирзода, А. Имомёрбеков // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. – №2(91). – С. 241-244. ISSN 2707-9996.

3. Собирзода, А.Ҷ. Ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Осори Академияи ВКД. – 2021. – № 2 (50). – С. 111-118. ISSN 2412-141X.

4. Собирзода, А.Ҷ. Нақши давлат дар самти таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №3 (52) –С. 173-182. ISSN 2664-0651.

5. Собирзода, А.Ҷ. Таҷрибаи баъзан давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода, Н.Б. Азимзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 50-54. ISSN 2410–2903.

6. Собирзода, А.Ҷ. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (29). – С. 57-65. ISSN 2414 9217.

7. Собирзода, А.Ҷ. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои иштирочии ИДМ оид ба таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода, С.З. Заробидинзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4(60). – С. 127-136. ISSN 2412-141X.

8. Собирзода, А.Ҷ. Асосҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 54-63. ISSN 2414 9217.

9. Собирзода, А.Ҷ. Оид ба баъзе масъалаҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / У.А. Азиззода, С.Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. 2024. № 1 (33). - С.61-71. 24149217 ISSN.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

10. Собирзода, А.Ҷ. Баъзе масъалаҳои кафолати иҷтимоии кормандони МКД дар давраи ислоҳоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Маводи IV-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳоншавӣ» (10 декабри соли 2021). – Душанбе, 2022. – С. 261-264.

11. Собирзода А.Ҷ. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Нақши қонунгузорӣ дар ислоҳоти милитсия: муваффақият ва норасогиҳо» (20 декабри соли 2022) – Душанбе, 2023. – С. 64-68.

12. Собирзода А.Ҷ. Рушди қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / У. А. Азиззода, А.Ҷ. Собирзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» (5 декабри соли 2023) – Душанбе, 2023. – С. 72-83.

13. Собирзода А.Ҷ. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: солҳои 1917-1991 [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // II-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (29 апрели соли 2023) – Душанбе, 2023. – С. 288-300.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Қозиён Ш.Қ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Назарзода Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Қодирзода М.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– **Сафарбекзода Ҳ.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла қайд гардидаст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ даврабандии асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз соли 1917 пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки дар боби якуми таҳқиқот оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандоне, ки вазифаҳои ниҳоди мазкурро то давраи соли 1917 иҷро мекарданд маълумот пешниҳод мегардид, ки он мазмуни корро комилтар менамуд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масоили танзими ҳуқуқии асосҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД аввалин маротиба дар илми ҳуқуқи ватанӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, ҷиҳати ошкор сохтани мафҳум, мақсад, моҳият, заминаи ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин соҳа кӯшиш ба харҷ дода шудааст.

– **пешниҳод шудааст:** мафҳум ва мазмуни асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ошкор карда, намудҳои кафолатҳои иҷтимоиро мавриди тасниф қарор гирифта, хусусияти ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ муайян гардидааст.

– **исбот шудааст:** давраҳои асосии рушди қонунгузории ватанӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД, ки онро ба чор давра: солҳои 1917-1924 – давраи ташаккул ва инкишофи ҳокимияти шуравӣ; 1924-1929 – ташаккули ҶМШС Тоҷикистон; 1929-1991 – батанзимдарории масъалаи мазкур дар давраи ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ будани Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС; баъди соли 1991 – давраи истиқлолият тақсим намудааст.

– **ҷорӣ намудани:** асосҳои ҳуқуқии танзими ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар шакли қабули санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида боиси такмили қонунгузорӣ гардида, ҷиҳати пурра ба тартиб овардан ва ба як низоми ягона даровардани кафолатҳои иҷтимоии кормандони МКД мегардад. Чунин тартиб метавонад муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти таъминоти пулӣ, нафақа, манзили истиқоматӣ, тиббӣ, суғуртаи давлатӣ, талофии зарар дар ҳолати ҳалок ва ё маъюб шудан ва дигар кафолатҳои иҷтимоии кормандони МКД, аъзои оилаи онҳо ҳамаҷониба ба танзим дарорад.

**Аҳамияти назариявии таҳққиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдошта метавонад дар таҳқиқотҳои минбаъда оид ба масъалаҳои коркард ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа истифода шаванд. Ҳамзамон маводи диссертатсияро дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон истифода бурдан мумкин аст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин, назарияи давлат ва ҳуқуқӣ ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ ва низомнокӣ истифода шудаанд. Ҳангоми омода намудани рисолаи илмӣ, муаллиф ба усулҳои махсуси ҳуқуқӣ – таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ такя кардааст.

– **баён шудани** маҳфумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин тавсифи моҳиятии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот муайян шудаанд;

– **ошкор гардидани** – дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД муайян гардида, роҳҳо, воситаҳо ва тадбирҳои самаранок оид ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандон пешниҳод карда шуданд;

– **омӯхта шуданд:** хусусиятҳои таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои хориҷӣ инъикос гардида, асосҳои ҳуқуқии таъмини иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди тадқиқ қарор гирифта, монандӣ, фарқият ва баъзе аз норасоиҳои онҳо муайян шудаанд;

– **аз нав такмил додани** – асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳифзи иҷтимои ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД пешниҳод мегардад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи онҳо» таҳия ва қабул карда шуда, дар он тамоми кафолатҳо ба таври муфассал муқаррар карда шаванд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** он хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, метавонанд дар такмили қонунгузории миллӣ нақши калон дошта, бахусус холигиҳои қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД пурра намояд.

– **муайян карда шуданд:** сиёсати иҷтимоӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳои ташкилӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию фароғатӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат дар асоси заминаҳои ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини гурӯҳҳои алоҳида бо ҳуқуқ ба озодӣ ва имтиёзу кафолати иҷтимоӣ равона карда шудааст. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда маҷмӯи воситаҳо ва тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, аз ҷониби давлат бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД амалӣ карда мешавад. Ин воситаю тадбирҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои онҳоро дар бар гирифта, кафолату имтиёзҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

– **офарида шуд:** таҳлили қонунгузории кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, эътирофи мустақили ҳуқуқии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД воситаи муассири дастгирии ин тоифаи шахсон мебошад. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсусгардонидашуда «Дар бораи кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» таҳия ва қабул карда шавад. Бо дарназардошти муҳиммияти хизмат дар сафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қабули қонуни мазкур ҳифзи иҷтимоии самараноки кормандони ин мақомотро таъмин намуда, ба ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили таъмини моддӣ ва нафақавӣ, шароити манзил, хизматрасонии тиббӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

– **муаррифӣ карда шуд:** барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар Тоҷикистон татбиқи тадбирҳои зерин зарур

аст: такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа ва механизмҳои татбиқи он; баланд бардоштани таъминоти моддии кормандони МКД, ки ба сифати восита дар соҳаи мубориза бо зуҳуроти коррупсионӣ зарур мебошанд; ҷудо кардани воситаҳои зарурӣ аз буҷети давлатӣ барои ҳалли мушкилиҳои манзилӣ ва пардохти қарзҳои кормандони МКД; беҳтар намудани шароитҳо барои кумакҳои иҷтимоӣ ва тиббӣ-иҷтимоӣ; ҷалби маблағгузории иловагӣ барои дастгирии иҷтимоӣ аз манбаъҳои давлатӣ ва хусусӣ; иштирок дар барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ тавассути фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ; мусоидат оид ба ворид намудани кормандони МКД ба кооператсияи матлубот; таъсис додани иттифоқҳои касабаи кормандони МКД дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмин намудани иштироки фаъол дар ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалия асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ ва маводи амалӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** дар рафти таҳқиқот дар бораи зарурати қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ» хулоса бароварда шуд. Ин зарурат бо он асоснок карда мешавад, ки аз лаҳзаи тасдиқи «Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ» муҳлати тулонӣ гузаштааст ва ин санади меъёрии ҳуқуқӣ наметавонад муносибатҳои навро, ки дар соҳаи фаъолияти МКД ба вуҷуд омадаст, ба пуррагӣ танзим намояд. Ислоҳоти милитсия, ки фаъолона амалӣ шуда истодааст, татбиқи Барнома оид ба ислоҳоти милитсия имконият медиҳанд, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар давраи гузаронидани ислоҳот ва баъд аз он таъмин карда шавад.

– **ғоя асоснок шудааст:** маҷмуи кафолатҳо, ки мақсади онҳо таъмини некӯаҳволии моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, низоми ҳифзи иҷтимоии онҳоро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, хусусиятҳои намудҳои кафолатҳои иҷтимоӣ ба монанди музди кор, хизматрасонии тиббӣ, кафолатҳои суғуртавӣ, таъмини либоси хизматӣ, озуқа, нафақа тавсиф шудаанд.

– **истифода шудаанд:** дар доираи асосҳои таърихӣ, аз ҷониби муаллиф раванди таҳаввулоти ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи кормандони МКД дар доираи се марҳилаи давлатдории тоҷикон – пеш аз шуравӣ, шуравӣ ва пас аз шуравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои мусбӣ ва камбудиҳо дар ҳар як марҳилаи зикршуда муайян карда шудааст;

– **муайян шудаанд:** асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз руйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дар зери мафҳуми мазкур маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки ба танзими муносибатҳои

ҳуқуқӣ равона карда шуданд ва дар соҳаи таъмини иҷтимоии фаъоли-яти кормандони МКД ба вуҷуд меоянд. Чунин муносибатҳо, ки бо са-надҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд, хусусияти усту-вор ва доимоамалкунанда дошта, аз ҷониби субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ бо риояи қатъии меъёрҳо, ки дар чунин санадҳо мустаҳкам шу-данд, амалӣ карда мешаванд.

**– истифода карда шуданд:** асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар бораи милитсия ва ҳифзи иҷтимоии кормандони он, инчунин санадҳои зерқонунӣ ташкил карданд. Дар таҳқиқоти илмӣ қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилисоҳавии МКД ва маводҳои бойгонӣ, ки хусусияти таърихӣ-ҳуқуқӣ доранд, истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ- назариявии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 12 ноябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Собирзода Аловуддин Ҷабор дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 15 нафар, мукобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раискунанда муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**